**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 52/2с

аз «11» 04 соли 2025

Агентии стандартизатсия,
метрология, сертификатсия ва
нозироти савдои назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Регламенти техникии «Талаботи бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Агентӣ пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Агентии стандартизатсия, метрологӣя, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар бандҳои 13, 14, 40, 45 ва 55 лоиҳаи болозикр талабот оид ба баркашидан, коғазпечкунӣ ва бастабандии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ, тамғагузории иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо, воситаҳои ёрирасони технологӣ, бақайдгирии давлатии иловаҳои хӯрокворӣ ва дар банди 50 лоиҳа уҳдадорӣ оид ба тасдиқи ҳатмии мутобиқати маҳсулот барои истеҳсолкунандагони иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ пешбинӣ гардидааст;

3) дар бандҳои 19 ва 28 лоиҳа барои истеҳсолкунандагони иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ маҳдудиятҳо оид ба истеҳсоли хушбӯйкунандаҳои хӯрокворӣ ва истифодаи иловаҳои хӯрокворӣ пешбинӣ гардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, талаботи ҳатмиро барои истифода ва иҷрои татбиқи иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ ва таркиби онҳоро дар маҳсулоти хӯрокворӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровარда мешаванд ва талаботро ба раванди истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва нобудсозӣ, инчунин талабот оид ба тамгагузорӣ, бастабандӣ ва баҳодиҳии мутобиқатро бо мақсади таъмини гардиши озоди маҳсулот муқаррар намуда ва барои ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, муҳити зист, ҳаёт ва саломатии ҳайвонот, пешгирӣ намудани амалҳое, ки истеъмолкунандагонро ба иштибоҳ меоранд, мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор

Саидзода И.Ҳ.